«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
____________Сафарзода М.В
«___»__________соли 2025

**ХУЛОСАИ**
**ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Диссертатсияи номзадии Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ» дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Шамсияи Тоирхон соли 2013 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси «таърих» хатм кардааст. Соли 2015 зинаи магистратура ва соли 2017-2019 зинаи докторантура аз руи ихтисос (PhD)-и донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси 6D020300 Таърих хатм намудааст. Ӯ аз соли 2014 инҷониб, ҳамчун ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият мекунад.

Роҳбари илмии диссертант: номзади илмҳои таърих, дотсент, Боқиев Рузибек Усмонович мебошад.

Мавзуи илмӣ-таҳқиқотии докторант аз рӯи ихтисос (PhD)-Шамсия Т дар Шурои олимони донишгоҳ санаи 30-09-2016, № 2 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст. Дар раванди муҳокимаи диссертатсия аз Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон номзади илмҳои таърих, дотсент Абдулло Ғафуров ва н.и. таърих Ҷурабек Мирзоев, инчунин кормандони кафедра д.и.т, профессор Абдуллоев М.Х., н.и.т., дотсент Боқиев Р.У., н.и.т. Холмуродзода М.Б., н.и.т Сафаров Х.Х, н.и.т.Суфиев С.Н., муаллимони калон Ватанзода Ш.В., Собирзода С.Р., Иброҳимзода З.И., ассистентон Ҳусейни Б., Алимов Қ., Нуриддини Ш., Довудова З.,

муовини сардори раёсати илм ва инноватсия СафарзодаМ.Н. ва мутахасиси раёсати илм ва инноватсия Сайдалиева Ф. ширкат доштанд.

Кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ диссертатсияи докторант аз рӯйи ихтисос (PhD) Шамсияи Тоирхонро муҳокима ва баррасӣ намуда, хулосаҳои зеринро пешниҳод менамояд:

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Омӯзиши этнография ва антропологияи қисмати ҷануби Тоҷикистон мавзуест, ки ба омӯхтани он арзёбии таъриху тамаддун ва фарҳанги тамоми давраҳои қадим то имрӯз ва саҳми олимону муҳаққиқони рус дар ин марҳила хеле муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Аҳаммияти омӯзиши мавзӯъ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи мазкур то ҳол дар илми таърихи халқи тоҷик объекти алоҳидаи таҳқиқот қарор нагирифта, ки илми таърихи ватанӣ дар замони ҳозира марҳилаи аз нав арзёбии бисёр далелҳо ва воқеаҳоро аз сар мегузаронад.

**Объекти таҳқиқот.** Ин асарҳои илмии нашршуда ва чопнашуда, сабтҳои рӯзномавӣ, маводи бойгонӣ ва саҳроии муҳаққиқони рус мебошанд, ки масъалаҳои таърихӣ – этнографӣ ва антропологии қисмати ҷануби Тоҷикистонро дар бар мегиранд. Осори гаронбаҳои олимон В.В. Гинзбург, Е.М. Пешерева, Р.Л. Неменова, З.А. Широкова, А.К.Писарчик Л.В. Ошанин, В.Я.Зезенкова ва дигар муҳаққиқон оиди омӯзиши масъалаҳои дар боло зикргардида мавқеи асосиро ишғол мекунанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб меравconfigured, ки то ҳанӯз саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи ин минтақа то охир мавриди таҳқиқи махсуси ҳамаҷонибаи илмӣ ва хулосабарорӣ қарор нагирифтааст. Навгонӣ асосан дар он зоҳир мешавад:

- муаллиф собит мекунад, ки мардумшиносон А.К. Писарчик ва Л.Р. Неменова тавонистаанд мактаби махсуси илмии худро таъсис диҳанд, ки бевосита дар омӯзиши анъанаҳои этникӣ, расму оин ва маданияти моддии тоҷикон дар фарҳанги таърихии қадим ва муосири минтақаҳои гуногун зоҳир гардидаанд, саҳми бориз гузоранд.

Дар рисола бори аввал саҳми шахсии А.К. Писарчик, Н.Л. Неменова ва З.А. Широкова дар коркарди масъалаҳои мураккаби таърих, фарҳанг, равандҳои этникӣ, инчунин масъалаҳои эътиқоди мардуми Тоҷикистон ҳамаҷониба нишон дода шудааст. Дар байни онҳо асарҳоеро махсус қайд кардан лозим аст, ки ба тоҷикони Қаротегин, Дарвоз, Помир, Кӯлоб, Муъминобд, Ховалинг тааллуқ доранд.

- дар рисола бори аввал саҳми шахсии В.В. Гинзбург, Л.В. Ошанин, В.Я. Зезенкова ва Т.П. Кияткина дар коркарди масъалаҳои мураккаби этногенези мардуми туркзабони ҷануби Тоҷикистон ҳамаҷониба нишон дода шудааст.

- исбот шудааст, ки хулосаҳои илмии муҳаққиқони рус оид ба масъалаи этногенези Тоҷикистони Ҷанубӣ, хусусан мавзеъҳои минтақаи Кӯлоб - Ғелот, Карим-Бердӣ, Тутқавул, Тоир-су, Муъминобод, Ховалинг, Балҷувон ҳоло ҳам дар доираҳои илмӣ мавқеи асосиро ишғол мекунанд;

- диссертант, як қатор асарҳои чопнашуда ва нотамоми А.К. Писарчик, З.А. Широкова, Р.М. Неменоваро бо мақсади оммавӣ гардонидани этнография, ки ҳаёт, эътиқод ва расму оинҳои анъанавии тоҷикони ҷануби Тоҷикистонро тавсиф мекунанд, пешниҳод менамояд.

- дар рисола бори аввал натиҷаҳои экспедитсияҳои антропологию мардумшиносӣ ба ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистонро (аз ҷумла солҳои 1932, 1933, 1940, 1948-1949 (Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг), 1952-1953 (вилояти Кӯлоб), 1954 (Дарвоз), 1955-1956 (Қаротегин), 1968—1969 (Норак, Варзоб), 1970 (Вахш, Шаҳритуз) мавриди таҳлили муфассал қарор додааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Дар он ифода меёбад, ки то имрӯз саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи қисмати ҷануби Тоҷикистон мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихӣ ва хулосабарорӣ қарор нагирифта буд. Аз ин рӯ, хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаи мазкур заминаи илмию назариявӣ фароҳам меорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Рисоларо принсипи инъикоси объективии фаъолияти муаррихони намоён, этнографҳо, антропологҳо оид ба омӯхтани проблемаҳои таърих ва маданияти минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон ташкил мекунад. Ҳангоми таҳияи рисола усулҳои гуногуни таҳқиқи осори таърихӣ – омӯзиши далелҳо, таҳлили муқоисавии таърихӣ, тавсиф, хулоса барорӣ, таҷдиди мантиқӣ-таърихӣ истифода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва умуман маводи диссертатсия дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик метавонад васеъ истифода шавад.

**Баҳодиҳӣ ба иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Шамсияи Тоирхон таҳти унвони «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ» номгузорӣ шуда, пажуҳиши мустақилона анҷомдодашуда маҳсуб ёфта,

ба ихтисоси (6D020300-Таърих 6D020303- Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мутобиқ аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертатсия натиҷаипажуҳиши илмии мустақилона мебошад. Дар ҳама марҳилаҳои диссертатсия: иҷрои нақшаи таҳқиқот, асосноккунӣ, ҷамъовари ва коркарди маводи назариявӣ ва методӣ муаллиф мустақилона фаъолият намудааст.

**Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқот.** Метавонанд мустақиман ҳамчун маводи таълимӣ ва илмӣ барои таҳққиқотҳои соҳаи таърих истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои пажуҳиши мазкурро метавон дар таҳия ва навиштани бахшҳои алоҳидаи таърихи халқи тоҷик, инчунин таърихи вилоятҳо ва минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистони Ҷанубӣ, хондани курсҳои махсус дар мактабҳои олӣ, ҳангоми таҳияи воситаҳои таълимӣ-методӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро** инъикоси объективии олимон, муаррихон ва мардумшиносони рус ташкил медиҳанд, ки вобаста ба омӯзиши масъалаҳои таърихӣ - этнографӣ ва фарҳангии тоҷикон ва дигар мардумони дар қисмати Ҷануби Тоҷикистон маскунбуда бахшида шудааст.

**Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур** ба талаботи шаҳодатномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020303- Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мутобиқат мекунад. Муаллиф оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба нашр расонидааст.

## РУЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮЙ МАВЗУЪ:

**А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М] Шамсияи Тоирхон. Бохтари қадим дар таҳқиқотҳои олимон ва муаррихони рус./ Шамсияи Т // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон: бахши илмҳои таърих. Душанбе 2022 - №3 (98) -С. 310-313.

[2-М] Шамсияи Тоирхон. Омӯзиши таърих ва этнографияи Кӯлоб дар таҳқиқоти А.К. Писарчик ва З.А. Широкова. / Шамсияи Т // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ ш. Кӯлоб 2022. №3 (28).-с 81-85.

[3-М] Шамсияи Тоирхон. Омузиши ёдгориҳои маданияти Ҳисор ва Кангуртут дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус. /Шамсияи Т //Паёми

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ: бахши илмхои таърих ва бостоншиносӣ ш.Кӯлоб. №2 (231) 2023. -67-69.с

[4-М] Бокиев Р.У, Шамсияи Т. Вклад В.Ф.Ошанина и Л.В.Ошанина в изучение этнографии таджиков./ Р.У.Бокиев, Шамсияи Т. //Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ:бахши илмхои таърих ва бостоншиносӣ ш.Кӯлоб. 2024. №3, - (31) с-81-85.

**Б) Интишорот дар дигар мачалахои илмӣ:**

[5-М] Шамсияи Тоирхон. Омӯзиши этнографияи Кӯлоб дар таҳқиқотҳои муҳаккикони рус дар ибтидои асри XX (Этнографическое изучение Куляба русскими исследователями первой половины XX) //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар, - ш Бохтар 2019. №3/2(64) с.73-79.

[6-М] Шамсияи Тоирхон. Таҳқиққотҳои археологии қисмати ҷануби Тоҷикистон дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX (Археологические исследования южного Таджикистана в конце XIX-начало XX вв.) /Шамсияи Т//Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар – ш Бохтар. 2019, №3/2(64) С.63 - 70

[7-М] Шамсияи Тоирхон.Таърихи бекигарии Кӯлоб ва низоми андозситонӣ дар таҳқиқотҳои муаррихони рус (охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX)./Шамсияи Т //Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ш.Кӯлоб.2018. -№1 (18). – С.91-95.

[8-М] Шамсияи Тоирхон “Особенности развития археологического исследования южного Таджикистана.” //Конференции."Актуальные проблемы современной филологии”. –( Душанбе 2 октябри 2022). -С.76-80.

[9 -М] Шамсияи Тоирхон. Археолого- этнографическое исследование южного Таджикистана в конце XX начало XXI вв. /Шамсияи Т //Конференции “Наука в году “Туризма и народных промысел.” (23 ноябри 2018). Душабе. С.145-150.

[10 -М] Шамсияи Тоирхон. Семейно-брачные отношения у таджиков в ранних исследованиях Н.А.Кислякова./ШамсияиТ //Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ: “Ҷавонон ва рушди илми муосир.” Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа (ш. Қӯрғонтеппа 12- ноябри 2016 - Кургонтеппа.С 119-125.

[11-М] Шамсияи Тоирхон. “Научное наследие Н.А. Кислякова в фондах архива Музея антропологии и этнографии РАН.”/Шамсияи Т //Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ: “Ҷавонон ва рушди илми муосир.” Донишгоҳи

давлатии Қурғонтеппа (ш. Қӯрғонтеппа 17 майи 2016.) Қӯрғонтеппа 2016 125-129.

[12-М] Шамсияи Тоирхон. "Изучение горных таджиков русскими этнографами и исследователями (вторая половина XIX -начало XX веков). /Шамсия Т //Конференсияи умҳуриявӣ илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ: “Ҷавонон ва рушди илми муосир.”-( Қӯрғонтеппа 17 майи 2016.) Кургонтеппа, 2016-С. 130-138.

[13-М] Шамсияи Тоирхон. Археолого-этнографические исследования Южного Таджикистана в конце XX - начало XXI вв. //Международной научно-практической конференции посвященный году туризма и народных промысел.(ш. Душанбе.28 октябри 2018) Душанбе 2018-С. 145-150.

[14-М] Шамсияи Тоирхон. Изучение этнического состава Куляба русскими этнографами XX. //Международная конференция посвященной «Дню педагога». (23- ноябри 2023) Алма Ато- С.132-135.

[15-М] Шамсияи Т. Нақши муҳақиққзанони рус дармуаррифии либосҳои милли тоҷикон//Конфронси илмӣ-назарявии ҳайати прафессорону омӯзгорон ва донишҷуёни Донишгоҳи давлатии Кӯлобба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣоид ба амъбасти корҳои илмӣ таҳқиқоти дар соли 2023 .(ш Кӯлоб 23-25 апрели 2023) Душанбе 2023 .- С 156-159.

[16-М] Боқиев Рузибек, Шамсияи Тоирхон. Нақши муҳаққиқзанони рус дар омӯзиши либосҳои миллии тоҷикон./Р.У.Боқиев.Шамсияи Т //Конфронси байналмилалии илмӣ.(Душанбе, 23-июни соли 2023).С.159-164 Антропология ва этнологияи мардуми тоҷик: Муҳаққиқон, лоиҳаҳо экспедитсияҳо.Душанбе 2023.

[17] Шамсияи Тоирхон. Монография. Тоҷикистони Ҷануби дар таҳқиқотҳои муаррихон, этнографҳо ва антропологҳои рус (солҳои 1930-1970). ҶДММ ТОРУС. –Душанбе. 2024. – 126 с.

[18] Бакиев Р.У. Шамсияи Т. Выдающийся русский этнограф-таджиковед. Сармад-Компани.- Душанбе. 2025. -215 с.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1.Диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303-Таърихнигорӣ, маъхазшиноси ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) кори таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шавад;

2. Диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуъи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ» аз рӯйи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоршуда, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (суратҷаласаи № - 10 аз 30 май соли 2025) қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 20 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор» - 20 нафар, «зид»-нест «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа**: д.и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Абдуллоев М.Х.

**Котиби ҷаласа**:
Мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик номзади илми таърих, дотсент: Суфиев С .Н

Имзоҳои д.и.т. профессор, Абдуллоев М.Х. ва н.и.т Суфиев С .Н.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов.М.А.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.:(+992 3322) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj